**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои муштараки диссертатсионӣ аз 02.07.2026, №9

Барои сазовор донистани Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ).

Диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 155; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, таҳти №50/шд), аз 24-уми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ 17-уми феврали соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2016 факултети иҷрокунандагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторовро хатм кардааст. Соли 2021 зинаи магистратураи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторовро бо ихтисоси композитсия хатм кардааст.

Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ солҳои 2021-2024 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст. Айни ҳол дар вазифаи мудири кафедраи композитсия ва созбандии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии факултети иҷрокунандагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:** Ҳасанова Манзура Муҳидиновна – доктори илмҳои таърих, мусиқишинос, ходими калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Худойбердиев Султоналӣ – номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадкиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тақризи худро бо имзоҳои раиси ҷаласа – директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои таърих Сафарзода Некрӯз, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашри Пажӯҳишгоҳ Ҷумъазода Меҳроб Одина, котиби илмии ҷаласа – Исоев Қадриддин ва имзою муҳри директор ва нозири кадрҳои муассиса, пешниҳод кардааст. Дар тақриз қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано» ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 71-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда шуд, ки бо сабаби он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи докторони илм дар соҳаи санъатшиносӣ маҳдуд буда, қисме аз мутахассисони дорои дараҷаи илмии мазкур бинобар сабабҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ (ишғоли вазифаи роҳбари илмӣ, раиси шуро, роҳбари муассиса ва ғайра) наметавонанд ба сифати муқаррризи расмӣ ҷалб гарданд, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ мувофиқи талаботи бандҳои 67-71-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутахассиси соҳаи наздики илмиро тасдиқ намудааст, ки дар ин самт асару

мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд ва мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 маводи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро ба таври равшан собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Убайдзода, Б.А. К вопросу трактовки малого полифонического цикла в творчестве Фируза Бахора [Матн] / Б.А. Убайдзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2023. – №4 (44). – С. 283-291.

[2-М]. Убайдзода, Б.А. Рушди мусиқии полифонии тоҷик дар асрҳои XX-XXI [Матн] / Б.А. Убайдзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо (силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих). – Душанбе, 2024. – №3 (55). – С. 331-337.

[3-М]. Убайдзода, Б.А. Инъикоси унсурҳои зарбии мақомоти тоҷик дар силсилабузурги полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор [Матн] / Б.А. Убайдзода // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмӣ-таҳлилӣ. – Душанбе, 2024. – №2 (66). – С. 72-77.

[4-М]. Азизӣ Ф.А., Убайдзода, Б.А. Истифодаи хусусияти мусиқии суннатии тоҷик дар силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга» («Нақши паранд»)-и Фирӯз Баҳор – зуҳуроти методи нави таълиф дар фанни «полифония» [Матн] / Ф.А. Азизӣ, Б.А. Убайдзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2024. – №3 (47). – С. 262-267.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷалаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Убайдзода, Б.А. Жанри «силсилаи бузург»-и полифонӣ дар мусиқии композиторӣ: таърих ва талқин [Матн] / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 84-91.

[6-М]. Убайдзода, Б.А. Дарсҳои маҳоратии пианинонавози машҳур Франсуа Шаплен [Матн] / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 92-99.

[7-М]. Убайдзода, Б.А. Таърихи рушди «фугаи ҷазӣ» дар мусиқии композиторӣ [Матн] / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2023. – №1(3). – С. 75-82.
[8-М]. Азизӣ Ф.А., Убайдзода, Б.А. Диди композитор Фирӯз Баҳор ба падидаи оҳанг-тӯғро [Матн] / Ф.А. Азизӣ, Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2024. – №6. – С. 23-32.
[9-М]. Убайдзода, Б.А. Саҳифаҳои ҷаззоб аз таърихи полифония: аз таърихи полифонияи ибтидоии қадим, то давраи полифонияи навин [Матн] / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2025, №2(8). – С. 44-58.

### III. Нашри маводи нотавӣ:

[10-М]. Убайдзода, Б.А. Маҷмуаи асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои фортепиано / Б.А. Убайдзода. – Душанбе: «Нашри Камол», 2020. – 71 с.

### Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. **Тақризи** номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи мусиқии Консерваторияи давлатии Москва ба номи П.И. Чайковский Ҷуманова Лола Абдуравифовна ба автореферати диссертатсия мусбат буда, дар он як эрод ҷой дорад:

*Ба андешаи Шумо, силсилаи мазкур ифодаи диди композиторест, ки ҳамчун «инсони ҷаҳонӣ» мероси фарҳанги башариятро аз худ кардааст ва ё ин силсила асари сирф миллӣ-тоҷикӣ, ки забони мусиқии композиторро ифода мекунад, мебошад?*

2. **Тақризи** номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи мусиқии Консерваторияи давлатии Узбекистон Давидова Татяна ба автореферати диссертатсия низ мусбат буда, ҳамчунин эродҳои зерин манзур шудаанд:

*1) Дар саҳифи 36 автореферат муаллиф вобаста ба силсилаҳои авангардӣ дар бораи «техникаҳои ғайридодекафонӣ, алеаторӣ, сонорӣ...» гуфтааст. Ба андешаи мо, агар онҳоро бо мисолҳои нотавӣ ва омехтагӣ бо унсурҳои полифонӣ ин ҷо меовардед, автореферат аз ин бурд мекард. Албатта бо назрдошти жанри автореферат, ин гуфтаи манро на ҳамчун эрод, балки хиҳиш қабул фармоед.*

*2) Дар саҳифаи 29 диссертант фугаи сеовазаи до-мажор (№10)-ро ба навъи фугаи ғайриклассикӣ мансуб донистааст, бо сабаби он ки дар қисми*

*якуми он интермедия ҷо надорад, лекин аз таърихи силсилаи полифонӣ маълум аст, ки дар байни фугаҳои классикии И.С. Бах (масалан до-мажор аз ҷилди 1 ХТК) низ интермедия надорад. Пас Шумо ин нуктаро чӣ гуна талқин медиҳед.*

3. **Тақризи** номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Раҳимзода К.С. ба автореферати диссертатсия мусбат буда, дар он эрод ҷой надорад.

**Шурои муштараки диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро намудани таҳқиқи илмӣ:**

– нахустин маротиба дар мусиқишиносии тоҷик бузургсилсилаи полифонии 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и композитор Фирӯз Баҳор **мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст**;

– хусусиятҳои ҳалли композитсионӣ, сохторӣ ва жанрии бузургсилсила дар заминаи таҳлили муфассали мусиқишиносӣ **муайян ва арзёбӣ гардидаанд**;

– хусусиятҳои силсилаҳои хурди полифонӣ, намудҳои сохтори композитсионӣ ва робитаи онҳо бо жанрҳои таърихии полифонӣ **таҳқиқ ва асоснок карда шудаанд**;

– унсурҳои мусиқии суннатии тоҷик, аз ҷумла хусусиятҳои лаҳнҳои фалакӣ, чормуқом ва дигар унсурҳои миллӣ дар сохтори полифонии асар **муайян ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлил гардидаанд**;

– навгониҳои жанрии композитор дар офариниши шаклҳои гуногуни фуга, аз ҷумла фуга-мутақориб, фуга-равона, фуга-рапо, фуга-бепарвофалак, фугаи ҷазӣ, фугаи портретӣ, фугаи орнитологӣ ва навъҳои авангардии фуга **муайян ва тавсиф карда шудаанд**;

– хусусиятҳои услуби полифонии Фирӯз Баҳор дар асоси таҳлили воситаҳои композитсионӣ, драматургӣ ва полифонӣ муайян гардида, ҷойгоҳи ӯ дар рушди мусиқии академии тоҷик **асоснок карда шудааст**;

– нақши бузургсилсилаи «Нақши паранд» ҳамчун намунаи барҷастаи тафаккури полифонии композитори тоҷик ва яке аз дастовардҳои муҳимми мусиқии фортепианоии Тоҷикистон **муайян гардидааст**;

– робитаи принсипҳои классикии полифония бо унсурҳои мусиқии миллӣ ва равияҳои муосири композиторӣ ошкор ва **аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ шудааст**;

– мавқеъ ва аҳаммияти бузургсилсилаи «Нақши паранд» дар рушди мусиқии композитории Тоҷикистон ва мусиқишиносии миллӣ **муайян карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои полифония, назарияи жанрҳои полифонӣ, таърихи мусиқии композитории Тоҷикистон, таҳқиқи эҷодиёти композиторони тоҷик ва рушди мусиқишиносии миллӣ заминаи нави илмӣ фароҳам меорад. Маводи таҳқиқ метавонад дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва анҷом додани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода гардад.

Дар ҷараёни таҳқиқ осори илмии мусиқишиносони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф дар таҳқиқ аз консепсияҳои илмии С. Танеев, Э. Курт, Т. Мюллер, В. Протопопов, В. Осипова, С. Скребков, В. Фраёнов, С. Григорйев, Ю. Евдокимова, Т. Дубравская, А. Милка, М. Ройтерштейн, А. Степанов, А. Чугаев, С. Павлюченко, И. Кузнетсов ва дигарон истифода намуда, ҳамчунин ба дастовардҳои мусиқишиносони тоҷик дар соҳаи мусиқии академӣ такя карда, масъалаҳои назариявии полифония, композитсия ва таҳлили жанриро дар заминаи маводи мушаххаси илмӣ баррасӣ намудааст.

Дар диссертатсия аз усулҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили мусиқишиносӣ, таҳлили сохторию композитсионӣ, таҳлили полифонӣ ва таҳлили жанрӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи диссертатсия метавонад зимни таълими фанҳои «Полифония», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ», «Таърихи мусиқии тоҷик», «Назарияи мусиқӣ», «Композитсия» ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои фаъолияти эҷодии композиторон, пианинонавозон, омӯзгорон ва муҳаққиқони соҳаи мусиқии академии тоҷик аҳаммияти муҳими амалӣ доранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар таҳқиқ консепсияҳо ва назарияҳои муосири мусиқишиносии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дурустии таҳлили илмии асар, истифодаи сарчашмаҳои муътамади илмӣ, интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ, коркарди илмии натиҷаҳо ва ҳаҷми интишороти илмии довталаб бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар сатҳи баланди илмӣ анҷом додани таҳқиқ, таҳлили мустақили бузургсилсилаи полифонии «Нақши паранд», муайян намудани хусусиятҳои жанриву услубии эҷодиёти полифонии Фирӯз Баҳор, таҳияи хулосаҳои илмӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими фанни «Полифония», омӯзиши адабиёти илмии соҳавӣ,

таҳияи мақолаҳои илмӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳо, форумҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ифода меёбад.

Муаллиф дар таҳияи консепсияи илмии таҳқиқ, интихоби усулҳои таҳқиқоти мусиқишиносӣ, таҳлили сохторию полифонии асар, муайян намудани хусусиятҳои композитсионӣ ва жанрии бузургсилсила, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди тавсияҳо барои таҳқиқоти минбаъда ва интишори натиҷаҳои илмӣ мустақилона фаъолият намудааст. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муҳаққиқ буда, дар шакли диссертатсияи мукаммали илмӣ ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон аз 02 июли соли 2026 бораи сазовор донистани Убайдзода Баътиёр Аҳрорӣ ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои муштараки диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм ва 2 нафар докторони фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ,
доктори илмҳои санъатшиносӣ — Низомов Аслиддин

Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шарифзода Лутфулло Абдулло

2-юми июли соли 2026